Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-35-и назди
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
(735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67)

# ТАҚРИЗИ

**муқаризи расмӣ ба диссертатсияи Файзализода Баҳрулло Файзалӣ дар мавзӯи «Асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)**

Ба асри XXI гузариши босуръат аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ хос аст ва ин гузариш тақозо менамояд, ки раванди таълим ба принсипҳои салоҳиятнокии касбӣ мутобиқ гардонида шавад. Системаи маорифи Тоҷикистон низ дар шароити кунунии рушди ҷомеа дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус таҳсилоти олии касбӣ, бо нигаҳдории дастовардҳои қаблии хеш, бар пояи имкониятҳои бавуҷудомадаи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, муносибати босалоҳиятро ба таълими донишҷӯён роҳандозӣ карда истодааст.

Зарурати татбиқ ва мубрамияти шакли таҳсилоти фосилавиро бисёр амиқ эҳсос намуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш ба ифтихори Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ зикр намуд, ки «... вақти ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ кайҳо расидааст. Баъзе муассисаҳои таълимӣ дар ин самт аллакай ба дастовардҳои муайян ноил шудаанд. Аммо ҷараёни татбиқи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар умум суст буда, дар ин самт ташаббускорӣ миёни муассисаҳои олии таълимӣ кам ба мушоҳида мерасад. Ин тарзи таҳсил имкон медиҳад, ки бо нигоҳ доштани сифати таълим хароҷоти зиёдатӣ барои як донишҷӯ то 2-3 баробар кам карда шавад ва шахс истеҳсолотро тарк накарда, аз тариқи Интернет соҳиби дониш ва ихтисоси зарурӣ гардад. Бинобар ин, ба Вазорати маориф ва илм супориш дода мешавад, ки аз соли 2017 таҳсилоти фосилавиро дар донишгоҳу донишкадаҳо ба роҳ монда, маводи зарурии таълим ва барномаҳои омӯзиши электрониро омода намояд».

Воқеан, мавқеи географии ҷойгиршавии Тоҷикистон, вазъи иҷтимоии аксар ҷавонони кишвар, ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои

дигар ва ниҳоят таъсири пандемияи коронавирус COVID-19 дар ду соли охир ба таҳсил ва ҳаёти донишҷӯён дар тамоми ҷаҳон низ тақозо менамояд, ки дар системаи таҳсилоти олии касбии мамлакат низоми таҳсилоти фосилавӣ (формати онлайн) ҷорӣ карда шавад. Ба ин раванд рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), ки вусъатбахшандаи бозсозии муҳити иттилоотии кишвар мебошад, ба васеъшавии доираи ихтисосҳои техникӣ ва технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намуда, ба ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки тайёркунии мутахассисони баландихтисоси донандаи технологияҳои гирдоварӣ ва коркарди миқдори зиёди иттилооти касбӣ ҳидоят менамояд ва талаботи ҷомеаро нисбат ба омӯзиши фосилавӣ (ОФ) боло мебарад, ки ҳамаи ин аз мубрам будани мавзӯи диссертатсионӣ дарак медиҳад.

Дар таҳқиқоти мазкур зери мафҳуми «низоми таҳсилоти фосилавӣ» тамоми ҷузъҳои хоси раванди омӯзиш (ҳадафҳо, муҳтаво, усулҳо, шаклҳои ташкилӣ, воситаҳои таълимӣ) ҷой дода шуда, амалишавии онҳо бо истифода аз шабакаи саросарии Интернет ва ТИК ба вуқӯъ мепайвандад ва муносибати (иртиботи) таълимию интерактивии байни донишҷӯю омӯзгор ва манбаъҳои захираҳои иттилоотӣ дар фосила (масофа)-ҳои гуногун барқарор мегардад.

Таҳлили назарсанҷиҳои омӯзгорони аз курсҳои омӯзишигузаштаи низоми кор дар таҳсилоти фосилавӣ баръало нишон дод, ки таъминоти ташкилию педагогии омодасозии мутахассисон барои кору фаъолият дар НТФ ҳанӯз дар шакли мукаммалу зарурӣ коркард нашудааст ва дар ҳамбастагии байни параметрҳои он *ихтилофоти* зерин вуҷуд дорад:

- байни ҷорисозии густурдаи НТФ дар раванди таълим ва нокифоягии талаботи тахассусӣ нисбат ба мутахассисон барои фаъолият бурдан дар низоми мазкур;
- байни талабот ба кадрҳои соҳибихтисоси омӯзгорӣ дар соҳаи ТФ ва мавҷуд набудани таъминоти илман асоснокшудаи ташкилию педагогӣ барои омодасозии мутахассисон барои корбарӣ дар НТФ.

Бо назардошти ихтилофоти мазкур *мушкилоти (проблемаи) таҳқиқот* муайян гардидааст, ки он зарурати коркарди таъминоти ташкилию педагогии омодасозии мутахассисонро барои фаъолият кардан дар НТФ пеш меорад. Аз ҷумла, қайд шудааст, ки барои кору фаъолияти пурсамар дар НТФ мутахассис-омӯзгор бояд на танҳо дорои салоҳиятҳои соҳаи педагогикаи классикӣ, балки дар истифодаю татбиқи ТИК ва технологияҳои шабакавӣ (махсусан Интернет) салоҳиятнок буда, дар ташкилу роҳандозии таҳсили фосилавӣ дорои донишҳои баланди касбӣ бошад ва хусусиятҳои равонию маҷозии ҳамкориҳои мутақобила бо

донишҷӯёнро дар низоми мазкур (вебдархост, телеконфронс, муҳокимаи маҷозӣ (виртуалӣ), таҳлилоти вазъӣ, баррасии лоиҳаҳо ва ғайра) хеле хуб донад.

*Ҳадафи асосии* таҳқиқоти диссертатсионии Файзализода Баҳрулло Файзалӣ – асосноккунии назариявию методӣ ва коркарду тасвиби таъминоти ташкилӣ ва педагогии омӯзиши фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дар шароити амалишавии муносибати босалоҳият дар таълим.

*Саҳми шахсии довталаб* дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзӯӣ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои педагогӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастии вобаста ба НТФ ифода ёфтааст. Натиҷаҳо ва муҳтавои асосии нашршудаи диссертатсияро, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, муаллиф шахсан амалӣ намудааст.

*Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб* бо ягонагии дохилии диссертатсия тавъам омада, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозии компютерӣ, ки фарогири масъалаҳои низоми таҳсилоти фосилавӣ ва муносибати босалоҳият дар таълим мебошанд, метавонанд дар рушди назария ва методикаи омӯзишу таълими фанни информатика саҳми босазо гузоранд. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ ва модулҳои барномавии дар шакли комплекси барномаҳои объектгаро таҳияшуда асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардидаанд, маҳсули афкори шахсии муаллиф мебошанд.

*Навгониҳои илмии таҳқиқот:*

– бори нахуст хусусиятҳои ташкилӣ ва педагогии омодасозии омӯзгорон барои фаъолият дар низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шароити Тоҷикистон таҳия гардидааст;
– амсилаи назариявии ташкили кори мустақилонаи мутахассисони ояндаи босалоҳият дар шароити таҳсилоти фосилавӣ кор карда баромада шудааст;
– методикаи ташаккули салоҳиятҳои мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ такмил дода шудааст;
– амсилаи нақшаи таълими фосилавӣ ҷиҳати ташаккулдиҳии салоҳиятнокии касбии мутахассисони оянда таҳия гардидааст;
– омилҳои технологии таҳсилоти фосилавӣ дақиқ карда шуда, методҳои нави таълими фосилавӣ барои шароити Тоҷикистон кор карда баромада шудааст.

*Аҳамияти амалии таҳқиқот* дар инҳоянд:

- роҳҳои болобарии самараи таҳсилоти фосилавӣ дар омӯзиш ва истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ пешниҳод гардидааст, ки татбиқи онҳо дар раванди таълим метавонанд ба сифати дониш, маҳорат ва малакаҳои касбии муҳассилини низоми такмили ихтисос таъсири мусбат расонанд;
- лоиҳаи стандарти фаъолияти касбии омӯзгорӣ дар соҳаи таҳсилоти фосилавии пешниҳодшуда ва барномаи таълимии курси такмили ихтисоси «Омодасозии омӯзгорон барои кор кардан дар низоми таҳсилоти фосилавӣ» таҳиягардида дар ташкили чараёни таълими фосилавӣ ҳам аз чиҳати методӣ ва ҳам педагогӣ метавонанд мусоидат кунанд;
- натичаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзгорони фанҳои информатика ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мутахассисони бахшҳои такмили ихтисоси донишгоҳҳо метавонанд дар фаъолияти касбии худ ва дар раванди ташкили таълими фосилавӣ ба таври васеъ истифода намоянд.

Ҳамин тариқ, раванди истифода ва татбиқи ТИК дар таълими донишчӯёни муассисаҳои таълимии чумҳурӣ бояд бо назардошти хусусиятҳо, анъанаҳо, таърих ва арзишҳои ин муассисаҳо сурат бигирад. Яке аз арзишҳои асосии соҳаи таълиму тадриси сарзамини точикон мероси илмии мутафаккирони гузашта, устодону олимони бузурги он, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар манотиқи мухталифи кишвар зиндагӣ ва фаъолият кардаанд, ба шумор меравад. Соҳаи мазкур дар асрҳои IX-X мелодӣ ба авчи рушди худ расида буд. Барои бисёр олимони чаҳон асарҳои илмии мутафаккирони точик ба пойгоҳи манбаъҳои чустучӯи библиографӣ ва таҳқиқоти илмӣ-методӣ табдил ёфта, мазмуну муҳтавои онҳо чузъи чудонопазири фанҳои таълимии асосии донишгоҳҳои калонтарини чаҳон зимни таълими донишчӯён қарор гирифтааст.

Аммо, гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, ки Вазорати маориф ва илми Чумҳурии Точикистон солҳои охир онҳоро амалӣ гардонида истодааст, зарурати истифодаи системаҳои муосири таҳсилот, усулҳои фаъоли таълим, равишҳои пешрафтаи омӯзишу парвариш, донистан, дар сатҳи зарурӣ истифода бурда тавонистан ва татбиқи васеи техникаю технологияҳои нави компютерӣ ва инчунин ичрои меъёрҳои салоҳиятнокии касбиро барои ҳар як донишчӯ ҳатмӣ мегардонад.

Дар шароити бавучудомада муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки амсилаҳои гуногуни омодасозии мутахассисони ҳирфаиро

таҳия карда, дар раванди таълим ҷорӣ намоянд, ба технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ ва муҳити маҷозии омӯзишӣ аҳамияти хоса зоҳир кунанд, низоми кунунии таҳсилоти донишгоҳиро сифатан такмилу тағйир диҳанд, ҳамбастагӣ ва татбиқи илму инноватсияро дар истеҳсолот ба сатҳи зарурӣ бароранд, ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва ба камол расонидани мутахассисони воқеан босалоҳияту рақобатпазири бозори меҳнат эътибори ҷиддӣ диҳанд.

Вазъи иҷтимоии имрӯзаи қисми зиёди ҷавонони кишвар (муҳоҷирати меҳнатӣ) тақозо менамояд, ки дар системаи таҳсилоти олии касбии мамлакат низоми таълими фосилавӣ ҷорӣ карда шавад. Ба ин раванд рушди босуръати ТИК, ки вусъатбахшандаи бозсозии муҳити иттилоотии кишвар аст, мусоидат мекунад ва талаботи рӯзафзуни ҷомеаро нисбат ба омӯзиши фосилавӣ боз ҳам болотар мебарад.

Бо баробари муваффақиятҳо дар рисола нуқсонҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар рисолаи илмӣ нақши таҳсилоти фосилавӣ дар давлатҳои Осиёи миёна ва Федератсияи Руссия таҳқиқ гардидаанд, беҳтар мебуд, агар он дар давлатҳои аврупо ё дигар давлатҳои тараққикарда низ таҳқиқ гардида муқоисарони мегардид.
2. Дар рисолаи илмӣ намудҳои гуногуни низомҳои ташкили таҳсили фосилавӣ нишон дода шудааст, тавсиф гардидааст. Хуб мешуд агар дар ин самт низоми муккамал ва ё мушаххас барои ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олии кишварамон пешниҳод мегардид.
3. Хуб мебуд агар дар рисолаи илмӣ ҷиҳатҳои таъмини амнияти иттилоотӣ аз нуқтаи назари методӣ тавсиф мегардид боз арзиши амалии рисоларо беҳтар мегардонид.
4. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур муҳтавои асосии соҳаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика, методикаи таълим, информатика ва технологияҳои иттилоотӣ ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳои системавӣ ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мураккаби таҳқиқотӣ – системаҳои таҳсилотию иттилоотӣ ва махзанҳои маълумот, ки

бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ба асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон ва болобарии самаранокии идоракунии муассисаҳои таълимӣ меорад, бахшида шудааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва методикаи омӯзишу парвариш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилот мебошанд, дар рушди методикаи таълими фанҳои технологияи иттилоотӣ ва информатика саҳми босазо гузошта метавонанд.

Тасдиқи асоснокии нуктаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ бар пояи методологияи таҳлили системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, технологияҳои амсиласозӣ, усулҳои назарӣ ва амалии мутобиқ ба мавзӯъ, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, экспериментҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, вебинарҳо дар мавзӯи омодасозии омӯзгорон барои фаъолият дар НТФ ва нашри маводи илмии таҳқиқот ташкил додаанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Файзализода Баҳрулло Файзалӣ дар мавзӯи «Асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» ба бандҳои 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016,

тахти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Файзализода Баҳрулло Файзалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогика ва психологияи
МДТ «Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» Ашурова Дилором

Имзои Ашурова Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С. Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Муҳамадиева 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода
Тел: (+992) 907-52-12-52;
E-mail: sm.star58@mail.ru